**Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи: «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ - ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Таҳқиқи таърихи давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқии ниёгон бешубҳа амали мубрами илмӣ ба шумор меравад, чунки давоми мавҷудияти давлати шӯравии Тоҷикистон, аз як тараф, гузариш ба алифбои лотинӣ ва минбаъд ба ҳуруфи кириллӣ, аз тарафи дигар маҳдудиятҳои ба идеологияи ҳукмрони марксистӣ асосёфтаи Давлати Шӯравӣ ба омӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон ва ташаккули ҳуқуқии он аҳамияти зарурӣ дода намешуд. Аз ин сабаб, аксари ниҳодҳои давлатдорӣ ва соҳаҳои ҳуқуқ, махсусан самти мурофиавӣ таҳлилу таҳқиқ нашудаанд. Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, ки ҳар як ҷанбаи фаъолияти давлат, махсусан ҷанбаҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои шаҳрванд, давлат ва ҷомеъа аҳамияти хос пайдо мекунад, рӯ овардан ба таҳлили низоми судӣ ва фаъолияти он, махсусан меъёрҳои танзимкунандаи мурофиавӣ амали саривақтӣ мебошад. Мавзӯи пешниҳоднамудаи муаллиф аз он ҷанба низ мубрам гаштааст, ки аксарияти куллӣ ҳуқуқвайронкуниҳо ба самти маъмурӣ дахл доранд ва суди умумӣ низ имрӯз асосан ба баррасии парвандаҳои маъмурӣ машғул мебошад. Дар ин росто, таҳқикоти илмӣ ҷанбаҳои муҳимтарини фаъолияти суди маъмурӣ, махсусиятҳои онро ошкор намуда, барои рушди амалия ва ташаккули қонунгузорӣ хизмат менамояд.

Аз ин нуктаи назар мавзӯи пешниҳодгардида хеле мубрам ва таҳқиқи он саривақтӣ мебошад.

**Дарачаи навоварии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқот дар нуздаҳ банд навоварӣ ва як банд тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки лоиқи дастгирӣ мебошанд, чунки натиҷаҳои нави илман асоснок буда, барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ хизмат мекунанд.

Банди якуми навовариҳо ба масъалаи пайдоиши механизмҳои амалисозии адолати судӣ ҳамчун ниҳоди давлатдорӣ асоснок карда шудааст, ки андешаи нав мебошад.

Банди дуюми навгониҳои муаллиф низ лоиқи дастгирӣ мебошад. Дар он аз ҷониби муаллиф мустақилияти эҷодӣ нишон дода шуда, мафҳумҳои марказии рисолаи мазкур «адолати судӣ» ва «адлияи маъмурӣ» муайян карда шудааст. Ин таърифҳои илмӣ саҳми муаллиф дар илми ҳуқукшиносӣ мебошанд:«Адолати судӣ дар масири илми таърихи ҳуқуқ – ин фаъолияти тавассути баррасии парвандаҳо амалишавандаи мақомоти суд, дигар мақомоти давлатӣ, мансабдорон ва ашхоси алоҳида баҳри муайян кардани ҳақиқат дар баҳсҳои ҳуқуқӣ мебошад» ва «адлияи маъмурӣ» «дар ҷараёни ҳодисоти таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик раванд ва маҳсули фаъолияти маҷмӯи ниҳодҳои маъмурӣ (мақомот ва мансабдорони ваколатдори ҳуқуқӣ) эътироф шудааст, ки бо баррасии баҳсҳои маъмурӣ баҳри амалӣ намудани адолати судии маъмурӣ равона шудааст» муайян гардидаанд.

Даврабандии таърихи рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ ва мазолим (банди 3 нуктаҳои асосии илмӣ) низ бояд дастгирӣ карда шавад, чунки он аввалин маротиба дар илм ошкор ва муайян карда шудааст.

Дар банди чоруми нуктаҳои асосӣ марҳилаҳои амалисозии адолати судӣ аз ҷониби суди мазолим нишон дода шудааст.

Дар банди панҷуми нуктаҳои асосии илмӣ муаллиф фармони шоҳи Сосониро оид ба ҷараёни бурдани тафтишот ва истеҳсолоти судӣ ба гардиши илмӣ ворид намуда, мазмуни ҳуқуқии ин фармонро таҳлил намуда, баҳои объективона додааст, ки саҳми муаллиф бояд шуморида шавад.

Нуктаи шашуми илмӣ муайяну мушаххас намудани таърихи ниҳоди сипаҳдовар – суди ҳарбӣ дар таърихи тоҷикон ҳамчун падидаи амалисозандаи адолати судӣ буда, муаллиф хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти онро ошкор сохтааст.

Дар бандҳои 7 ва 8 нуктаҳои асосӣ, омилу сабаби таъсис, намудҳои баҳсҳои ҳуқуқие, ки судҳои маъмурии мазолим салоҳияти баррасии онҳоро доштанд, ошкор карда шудааст, ки мавриди дастгирии мо мебошад.

Навгонии дигари рисола муайяну мушаххас намудани мақомоти судию маъмурии баррасикунандаи парвандаҳои марбут ба дин мебошад, ки муаллиф дар қатори таъриху низоми ин ниҳодҳо, махсусияти раванди баррасии ин кабил парвандаҳоро муфассал таҳлил намуда, пешниҳоди муҳаққиқон намудааст.

Хулоса, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар заминаи таҳқикоти масоили мазкур вазифаҳои мушаххаси илмӣ гузошта, дар раванди таҳқикот онҳоро баррасӣ намуда, хулосаҳои илман асоснок пешниҳод кунад. Аксарияти нуктаҳои илмии пешниҳоднамудаи муаллиф дар илми ҳуқуқшиноси нав мебошанд, ҷанбаҳои муҳимтарини масъаларо ошкор месозанд, хусусиятҳои фарқкунанда ва мушкилии ҷойдоштаро муайян мекунанд, бештар барои мушаххас намудани салоҳияту ваколати мақомот ва мансабдорони гуногун равона шуда, саҳифаҳои норавшани таърихи ҳуқуқ ва ниҳодҳои давлатдории тоҷиконро комил мегардонанд.

Аз ин сабаб, мо онҳоро ҳамчун нуктаҳои илмии асоснок ва илман исботшуда ҷонибдорӣ менамоем ва барои истифода дар таҳқикоти оянда ва барои рушди қонунгузорӣ тавсия менамоем. Махсусан нуктаи охирини навгониҳо, ки тавсия ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро оид ба такмили қонунгузории мурофиаи маъмурӣ ва ба амалияи мақомоти амалисозандаи адлияи маъмурӣ бахшида шудаанд, арзиши баланди илмӣ дошта, лоиқи дастгирӣ мебошанд.

**Асоснокӣ ва саҳеҳияти хулосаю пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Хулосаю пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия илман асоснок мебошанд, дар заминаи сарчашмаҳои сершумори илмӣ таҳия гардиданд. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола таълимоти таърихӣ – ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунандаро таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои худро таҳия намудааст. Махсусан даврабандии таърихӣ дар рисола илман асоснок ва боварибахш аст, чунки дар заминаи даврабандиҳои мавҷуда таҳия гардида, натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи муаллиф мебошад. Саҳеҳияти хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия инчунин аз истифодаи таҷрибаи беш аз ҳазорсолаи ниёгон дар ин самт, дар

заминаи таҳлилу хулосаҳои муҳаққиқони масоили мазкур, омузиши таҷрибаи амалисозии онҳо ва баҳои сиёсатмадорону муҳаққиқон ба даст омадааст.

**Дараҷаи навоварии хулоса ва пешниҳодҳо.** Хулоса ва навовариҳои пешниҳодгардида дар заминаи сарчашмаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳия гардида, нисбат ба хулосаю нуктаҳои илмии мавҷуда нав мебошанд. Онҳо дар заминаи таҳлили илмӣ ва ба назар гирифтани таҷрибаи судии марҳилаҳои гуногуни таърихи давлатдории тоҷикон таҳия ва хулосабарорӣ шудаанд. Як қатор навгониҳои дар таҳқиқот ҷойдошта, дар таҳияи нав ва бо далелу исботи нав пешниҳод гардидаанд ва ин навгониҳои рисола асоснок ва боварибахш буда, қобили кабул ва дастгирӣ мебошанд.

**Сохтори рисола** мантиқан дуруст таркиббандӣ гардида аз муқаддима, панҷ боб ва ҳабдаҳ зербоб, хулоса ва руйхати сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва илмии истифодашуда иборат аст.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ.** Муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар нашрияҳои даврӣ ва дар шакли китобу мнографияҳо нашр намудааст.

Мувофиқи иттилооти дар диссертатсия ва автореферати муаллифи рисола ҷойдошта аз рӯи мавзӯи пешниҳодгардида, унвонҷуй шонздаҳ мақолаи илмӣ дар нашрияҳои эътирофнамудаи КОА-ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуҳ мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар, се монографияҳои илмии ба мавзӯъ бахшидашуда таҳия ва нашр намудааст.

Матни автореферат ба мазмуни диссертатсия мутобиқ буда, масоили асосии онро дар бар гирифта, тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар он мақсад, вазифа, бандҳои барои ҳимоя тавсияшуда, хулоса ва тавсияҳои амалии дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омада, инъикос шудаанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

**Аҳамияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо. Натиҷаҳои** диссертатсия, ки дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ба даст омадаанд, барои комил сохтани холигии мавҷуда дар назария ва

таърихи ҳуқуқ ва таърихи мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунанд. Хулосаҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи мақомоти судӣ», «Низоми мақомоти судӣ», «Ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ» ва ғайра метавон истифода кард. Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқотро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, давом додани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, инчунин ташаккул додани қонунгузории амалкунандаи мурофиавии маъмурӣ, такмил додани низоми амалкунандаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва амалисозии барномаҳои давлатӣ, ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ истифода намудан мумкин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқотии илмӣ, дараҷаи омузиш, мақсаду вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, заминаҳои назариявӣ, методологӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, навгониҳо ва нуқтаҳои муҳимтарини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия - «Пайдоиши аввалин ниҳодҳои судӣ, мафҳуми ташаккули ниҳодҳои адолати суди маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихии амали ниҳодҳои он дар давлатдории тоҷикон» аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои пайдоиши ниҳодҳои адлияи маъмурӣ, адолати судии маъмурӣ ва даврабандии онро дар таърихи давлатдории тоҷикон, дарбар мегирад.

Зербоби якуми боби якум - «Пайдоиши нахустмеханизмҳои адолати судӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон» номида шуда, ба пайдоиши аввалин механизмҳои амалисозии адолати судӣ дар сарзамини тоҷикон таҳлилҳо бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия махсусияти амалияи нахустмеханизмҳои мурофиавии баррасии баҳсҳо –муборизаи тан ба тан, суди илоҳӣ, имтиҳонҳо, қасосро ба таври мушаххас таҳқиқ намудааст.

Зербоби дуюми боби якум «Омилҳои таъсис ва ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар таърихи давлатдории

тоҷикон» номгузорӣ шуда, фарогири масъалаҳои сабабу омилҳои таъсиси ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ, адлияи маъмурӣ, пайдоиши ин ниҳодҳо мебошад.

Дар зербоби сеюми боби якум - «Даврабандии ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон» муаллиф давраҳои таърихи ташаккули ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмуриро муайян намудааст. Натиҷаи тадқиқот нишон додани се давраи мустақими таърихи рушди ниҳоди суди мазолим ва панҷ марҳилаи рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ гардид, ки ин давраи пайдоиши давлатдорӣ, аввалин механизмҳои адолати судӣ, давраи зардуштии таърихи ниҳодҳои амалисозии адолати суди маъмурӣ, давраи исломии рушди ниҳодҳои адолати суди маъмурӣ, таъсис ва рушди ниҳодҳои адолати суди маъмурии Хилофати Араб аз паёмбар то Аббосиён, рушди ниҳодҳои адолати суди маъмурӣ дар ҳудуди давлатҳои тоҷикон (аз давраи ҳукмронии Сомониён то Аморати Бухоро, унсурҳои амалисозандаи адлияи маъмурӣ (1917-1987), таъсис ва фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ (1987/1991-то имрӯз) мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия - «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ» аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми ин боб муаллиф яке аз ниҳодҳои нодири адолати судии маъмурӣ - Боргоҳи Дод дар таърихи давлатдории ориёии тоҷиконро дар заминаи адабиёти мавҷуда, омилҳои пайдоиш, махсусияти ниҳод ва тарзу усули фаъолияти онро нишон додааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - «Мақомоти суди мазҳабии марҳилаи зардуштӣ» муаллиф таърихи низоми судҳои мазҳабӣ сарвари давлат, Шӯрои давлатӣ, Мубади Мубадон ва судҳои одии мазҳабиро ба

риштаи тадқиқ кашида, салоҳияти мақомот ва амалдоронро дар баррасии парвандаҳои мазҳабӣ нишон додааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки «Амалисозии адолати судӣ аз ҷониби судҳои маъмурӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи зардушт» ном дорад, муаллиф фаъолияти суд ва мақомоти дигари маъмуриро дар марҳилаи зардуштии таърихи давлатдории тоҷикон мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия - «Ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии исломӣ» ба панҷ зербоб тақсим шуда, муаллиф дар он мақомот ва амалдорони алоҳидаи амалисозандаи адлияи маъмуриро дар марҳилаи исломии рушд мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм ба масъалаи - «Ташаккул ва рушди ниҳоди мазолим дар марҳилаи исломӣ» муаллиф масъалаи пайдоиш ва ташаккули яке аз нодиртарин ниҳоди адолати судӣ – ниҳоди мазолимро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, омилҳои таъсис ва марҳилаҳои рушди онро таҳлил кардааст.

Зербоби дуюми боби сеюм - «Сохтор, тарзи ташкил ва ваколатҳои суди мазолим» ба масъалаҳои пайдоишу рушд, масоили ташкилӣ, фаъолияти рӯзмарра ва сохтори мазолим, салоҳияти мазолим ва масоили зертобеи он, ваколатҳои мазолим ҳамчун ниҳоди суди маъмурӣ ва хусусиятҳои ташкили кори он бахшида шудааст.

Дар зербоби сеюм диққати асоси ба шакл ва тарзҳои истеҳсолоти судии мазолим, шаклҳои гуногуни баррасии парвандаҳо аз ҷониби мазолим, хусусияти он вобаста аз субъект – судяи суди мазолим дода шудааст.

Зербоби чоруми боби сеюми рисола - «Мақомоти суди мазҳабии марҳилаи исломӣ» ном гирифта, муаллиф дар он субъектҳои баррасии парвандаҳои динӣ ва мақомоти амалисозандаи адолати судӣ дар масоили мазҳабиро муайян намуда, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор

додааст. Муаллифи рисола махсусан қайд менамояд, ки дар марҳилаи исломии рушд ниҳоди муҳимтарини адолати судӣ ниҳоди қозӣ ба шумор рафта, қозиёт ниҳоди асосии амалисозандаи ҳокимияти судӣ ба шумор меравад.

Масъалаҳои омилҳои таъсиси ниҳоди мӯҳтасиб, таърихи такомул ва рушди он, вазифаҳои динию сиёсии он дар ҷомеа, ваколати он дар баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ, махсусияти салоҳияти баррасии парвандаҳои аз ҷониби муҳтасиб дар зербоби панҷуми боби сеюм - «Тавсифи умумии адолати судии ниҳоди муҳтасиб (раис)» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифи рисола, аз ҷумла қайд намудааст, дар давлати Сомониён яке аз девонҳои сернуфуз девони муҳтасиб буда, самтҳои муайяни амалисозии вазифаҳои худро дошт.

Боби чоруми диссертатсия - «Амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон» аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб - «Амалисозии адолати судӣ аз ҷониби судҳои маъмурӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» муаллиф масъалаҳои амалисозии адлияи маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии давлатиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант қайд менамояд, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон махсусан дар давраи мустамликавии он дар ҳудуди кишвари Туркистон як давраи муайян раиси суд шахси ҳарбӣ – маъмурӣ буда, ин судҳоро низ суди маъмурӣ номидан мумкин аст.

Зербоби дуюми боби чорум - «Салоҳияти мақомоти шаҳрбонӣ (шеҳна, шурта, миршаб, қурбошӣ) дар амалисозии адолати судӣ» номгузорӣ гаштааст. Дар он ба масъалаи амалисозии адлияи маъмурӣ аз ҷониби ниҳоди полис, хизматчиёни вазорати корҳои дохилии ҳамон давра мавриди баррасӣ қарор гирифтаст.

Зербоби сеюми боби чорум - «Амалисозии адолати судӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва сарварони ҷамъиятӣ дар маҳал» номгузорӣ гашта, дар он муаллифи рисола ба масъалаи амалисозии адолати судӣ аз

ҷониби амалдорони давлатӣ ва сарварони ҷамъиятӣ дар маҳал диққати махсус додааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳангоми мурочиат ба суди умумӣ – қозӣ дар аксар ҳолат парванда моҳиятан аз ҷониби мулозим, ёрдамчӣ, роҳбари деҳа, ашхоси дар гузашта соҳибмансаб баррасӣ мешуданд. Роҳбарони маҳал кӯшиш менамуданд, барои «обрӯи» худро нигоҳ доштан, тарафҳоро ба оштӣ ва гузашту созиш моил ва ё маҷбур намоянд.

Дар боби панҷуми рисола, ки «Таҳаввулот, идомат ва дурнамои такмили раванди амалисозии адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ дар Тоҷикистон» ном гирифта, аз се зербоб иборат аст, масъалаи таҳаввулот ва дурнамои рушди ниҳодҳои таҳқиқшаванда аз ҷониби муҳаққиқ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар зербоби якуми боби панҷум - «Таҳаввулоти падидаҳои амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ» муаллиф масъалаҳои таҳаввулоти падидаҳои амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ таҳқиқ карда, чунин хулосабарорӣ кардааст, ки новобаста аз пешниҳоди муҳаққиқони зиёд оид ба таъсиси суди маъмурӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ бо сабабҳои субъективӣ ин гуна суд таъсис нагардид.

Зербоби дуюми боби панҷум - «Ниҳоди суди маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масоили муосири ташаккули қонунгузорӣ ва ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар баробари дастовардҳои давраи Истиқлолият, як қатор масоили ҳалталабро дар ин самт ошкор намуда, пешниҳодҳоро оид ба такмили қонунгузории соҳавӣ таҳия кардааст.

Дар зербоби сеюми боби панҷум - «Идомат ва дурнамои унсурҳои адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф ҷараёни идомати амали меъёрҳои қабулшуда, дурнамои рушди унсурҳои адлияи маъмуриро таҳлил кардааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои дорои ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ, пешниҳоду тавсияҳои муаллифи диссертатсия дарҷ гардидааст.

**Эродҳо оид ба мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили муракаби илмиро дар бар гирифта, табиист, ки дар он як қатор масоили баҳсталаб, камбудиҳо ба назар мерасад, ки иборатанд аз:

1. Дар зербоби якуми боби аввали рисола сухан оид ба механизмҳои аввалини амалисозии адолати судӣ меравад. Оё механизмҳои овардашуда номгӯи пурраи он аст ва ё дар байни халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон ба ин монанд механизмҳои дигар низ вуҷуд доштанд?

2. Дар зербоби 1-и боби 4, масъалаҳои амалисозии салоҳияти судӣ ва баррасии парвандаҳо аз тарафи шахсони мансабдор дар Аморати Бухоро баён шудааст, вале оид ба ташкили Агентии сиёсии императори Русия дар Бухоро ва ваколатҳои судии он марбут ба баррасии парванадҳои гражданӣ ва ҷиноятии раияти рус фикри муаллифи диссертатсия баён нашудааст.

Инчунин, оид ба ваколатҳои губернатор, губернаторҳои ҳарбӣ, сардори уездҳо, ки ба ҳайати Генерал - губернатории Туркистон ворид буданд, фикри муаллиф баён шуда бошад хам, дар бобати ваколатҳои судию ҷазодиҳиро доро будани онҳо, ёвари сардори Уезд ва приставҳо, ки шахсони мансабдори Уезд, ба ҳисоб мерафтанд, (аз ҷумла Уезди Хуҷанд) маълумот дода нашудааст.

Дар ин маврид зарур аст, ки докторант ақидаҳои худро баён кунад.

3. Дар зербоби 3 боби панҷуми рисола оид ба дурнамои унсурҳои адлияи маъмурӣ сухан меравад. Айни ҳол тибқи талаботи қонунгузории маъмурӣ зиёда аз 30 мақомоти назоратбаранда ҳуқуқи татбиқи ҷазои маъмуриро доранд. Дар моддаи 91 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати шахсони мансабдор пешбинӣ гардида зикр ёфтааст, ки шахсони мансабдори ваколатдори давлатӣ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар доираи ваколатҳои худ танҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ баррасӣ карда метавонанд.

Тибқи қонунгузории ҷорӣ асоснок ва қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи шахсони мансабдор бо парвандаҳои маъмурӣ аз тарафи прокурор назорат карда мешавад. Вале доир ба ин масъала ва салоҳияти

баррасӣ намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи мақомотҳои назоратбаранда дар ҳолати таъсис дода шудани судҳои маъмурӣ аз ҷониби докторант таклифҳои мушаххас баён нашудааст.

Зарур аст, ки дисертант мавқеи худро оид ба ин масъалаҳо ва пурзӯр намудани назорати судӣ ва назорати прокурорӣ дар мавриди аз тарафи шахсони мансабдор ва судҳо баррасӣ намудани парвандаҳои маъмурӣ муайян намуда, фикри худро баён намояд.

4. Муаллиф дар бобҳои гуногуни диссертатсия ишора намудааст, ки қисми зиёди парвандаҳои баррасишавандаи судҳои умумиро парвандаҳои маъмурӣ ташкил медиҳанд ва таъсиси судҳои маъмуриро барои Тоҷикистон зарур ва ҳалли ин мушкилотро муҳим арзёбӣ менамояд. Ҳамзамон, кайд кардан зарур аст, ки аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти милитсия, зидди сухтор, гумрук, андоз, агентии зиддикоррупсия ва гайра низ парвандаҳои маъмурӣ баррасӣ карда шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд. Муаллиф, таносуби байни ин ниҳодҳо ва салоҳияту ваколатхои онҳоро дар баррасии парвандахои маъмурӣ дар оянда чӣ гуна муайян мекунад?

Камбудию эродҳои номбаршуда арзиши баланди таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ба андешаи мо, нуктаҳои асосӣ, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ҳимояи рисолаи докторӣ кофӣ мебошанд ва тавсияҳо барои истифодаи амалӣ метавонанд заминаи илмии ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ гашта, барои такмили на танҳо низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ташаккулу такмил додани мурофиаи маъмурӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодгардида дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» ба андешаи мо, таҳқиқоти пурраю комил ва ҳамаҷониба ба анҷомрасида мебошад, ки мавзӯи гузошташударо ба таври маҷмӯӣ бо истифода аз сарчашмаҳои нодир ва сарчашмаҳои илмии навтарин ошкор намуда, дар он як қатор навовариҳои илмӣ бори аввал пешниҳод

гардиданд, ки саҳми фардии муаллиф дар омӯзиши ин масоили мураккаби ҳуқуқӣ мебошад. Як қатор пешниҳоду тавсияҳои дар таҳқиқ инъикос гардида метавонанд имконоти васеъ барои такмили қонунгузорӣ ва амалӣ гаштани ислоҳоти судию ҳуқуқӣ фароҳам оваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 74 - 75 «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва бинобар ин ва бо назардошти хулосаҳои қайдгардида, диссертатсия дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» таҳқиқоти илмии пурра хотимаёфта маҳсуб гардида, ҳангоми таҳлилу таҳқиқи он навгониҳои илман асоснок ба даст омада ва дар он мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтааст, аз ин сабаб, ба андешаи мо, муаллифи он – Одиназода Рамазон Сафар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**Муовини якуми Прокурори**
**вилояти Суғд** **Муҳаммадӣ И.С.**

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Сирдарё 43а
тел.: (+992) 8- 3422 6-67-84, 5-65-65
e-mail: prokuratura.@mail.ru

Имзои Муҳаммадӣ И.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
прокуратураи вилояти Суғд
Раҷабзода Р.Т.

ШӮЪБАИ КАДРҲО